# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 марти соли 2021 дар маҷмӯъ 69 ташкилоти қарзии молиявӣ, 20 ташкилоти суғуртавӣ, 4 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар семоҳаи якуми соли 2021 дар маҷмӯъ ба 28 061,2 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҷамъбасти соли қаблӣ 1,4 фоиз коҳишёбӣ дорад. Кам шудани дороиҳои бонкҳо ва ташкилотҳои лизингӣ дар давраи ҳисоботӣ ба коҳишёбии дороиҳои низоми молиявӣ мусоидат намуданд. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 33,4 фоиз баробар гардид.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 31.03.2021 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **адад** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Афзоиши дороиҳо нисб. авв. сол (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **69** | **25 879,6** | **92,2** | **-1,6** |
| ***Бонкҳо*** | ***19*** | ***22 258,8*** | ***79,3*** | ***-2,3*** |
| *Бонки давлатӣ** | *4* | *10 252,4* | *36,5* | *-4,0* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *149,5* | *0,5* | *8,2* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *7* | *3 414,4* | *12,2* | *0,2* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *8 442,5* | *30,1* | *-1,4* |
| ***Ташкилотҳои маблаггузории хурд*** | ***50*** | ***3 620,8*** | ***12,9*** | ***2,7*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *18* | *2 825,4* | *10,1* | *1,0* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *5* | *299,5* | *1,1* | *13,8* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *27* | *495,9* | *1,8* | *6,4* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ**** | ***358*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **20** | **481,8** | **1,7** | **16,8** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **4** | **215,6** | **0,8** | **-13,3** |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **АСИН***** | **1** | **1 484,1** | **5,3** | **0,0** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***96*** | ***28 061,2*** | | ***-1,4*** |
| ***Бо % нисбат ба ММД*** | | ***33,4*** | | |

**Бо иштироки сармояи давлатӣ*

***Бе назардошти филиалҳои ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд.*

****Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумот ба ҳолати 31.12.2020)*

Аз дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар 92,2 фоизи он ба низоми бонкӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (0,8 фоиз) ва АСИН (5,3 фоиз) ташкил медиҳанд.[1]

Низоми бонкии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ ва дар навбати худ ташкилотҳои қарзӣ аз бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) иборат мебошад. Дар семоҳаи якуми соли 2021 дороиҳои низоми бонкӣ ба 25 879,6 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба аввали сол 1,6 фоиз кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 358 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 2 равзанаи бонкии исломӣ ва 1 573 маркази хизматрасонии бонкӣ ба аҳолии кишвар хизматрасониҳои худро пешниҳод намуданд.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, ба андозаи 16,8 фоиз зиёд шуда, ба 481,8 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 20 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ, 17 ташкилоти суғуртаи ғайридавлатӣ ва 1 маркази дастгирии суғуртаи мутақобила бо 71 адад филиалҳои худ хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба охири соли 2020 ба андозаи 13,3 фоиз коҳиш ёфта, ба 215,6 млн. сомонӣ баробар гардид.

---

[1] Эзоҳ: Ҳангоми дастрас гардидани маълумоти зарурӣ аз рӯи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.